**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
_____________________
«_6_» _сентябри_ соли 2022

**Хулосаи**

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С. Айнӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна соли 2012 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро бо ихтисоси забони англисӣ хатм намудааст.

Мавсуф ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ соли 2020 қабул шудааст.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ** – Туйғунов Носир Ҳақбердиевич, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии коллеҷи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ мебошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин натиҷа ҳосил гардид:

Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Мубрамии рисола дар он зоҳир мегардад, ки нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва судманд буда, дар забоншиносии

асосии таҳқиқот тарҳрезӣ шуда, барои ба ҳадаф расидан вазифаҳои зерин пешбинӣ ва ба иҷро расидаанд:

- муайян кардани сатҳ ё дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян ва таҳқиқ намудани назарияҳои гуногун оид ба ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян кардани хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда ;
- муайян ва таҳқиқ намудани хусусиятҳои фарққунанда ва умумии ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани монандӣ ва тафовутҳои сохторӣ-семантикии ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи бархе аз асарҳои бадеӣ, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва ё баръакс тарҷума шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи мавзуи диссертатсия 8 мақола рӯйи чоп омаданд, ки аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Дисертатсия аз муқаддима, се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёти илмиву таълимӣ иборат мебошад.

**1.Руйхати мақолаҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.**

[1- М]. **Саидова** М.А. Ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунаннақлшуда дар забони англисӣ ва ифодаи онҳо ба забони тоҷикӣ [Матн] / М.А Саидова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №1. – С. 42-45. ISSN-2413-516X.

[2-М]. **Саидова М.А.** Хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А Саидова// Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №4. – С. 22-26 . ISSN-2413-516X.

**[3-М]. Туйғунов Н.Ҳ., Саидова** Омилҳои ба вуҷуд омадани муродифоти калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А Саидова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2019. №4. – С. 49-53 . ISSN-2413-516X.

**[4-М]. Саидова М.А.** Паҳлуҳои муҳими мувофиқати маъногӣ ва умумияти ифодаи нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои точикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А. Саидова// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2021. №2, (91). – С. 88-92. ISSN-2413-516X.

## 2.Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

**[5-М] . Саидова М.А.** Тафовути ифодаи ҷумлаҳои саволи дар нутқи мазмунаннақлшуда [Матн] / М.А. Саидова// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ДДМИТ бахшида ба рушди деҳот, саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. - Душанбе, 2020. С. 247-256.

**[6-М]. Саидова М.А.** Нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи хусусиятҳои сохторӣ [Матн] / М.А. Саидова// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати професорон ва устодони ДДМИТ.- Душанбе, 2020. С. 202-207.

**[7-М]. Саидова М.А.** Дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А. Саидова// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати професорон ва устодони ДДМИТ.- Душанбе, 2022. С. 94-100.

**[8-М]. Саидова М.А.** Тағироти сохториву маъной нутқи мазмунаннақлшуда дар таркиби матни асарҳои бадеӣ [Матн] / М.А. Саидова// Забон ва адабиёти рус дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, (Душанбе, 12-уми марти соли 2021).- Душанбе: ДМТ, 2021. - С. 332-335.

тоҷик дар муқоиса бо забонҳои дигар ба таҳқиқи он камтар таваҷҷуҳ шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе монографияву рисолаҳо, ки ба таҳқиқ ё тавсифи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудаанд, мавзуи фавқ аз нуқтаи назари типологӣ таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Ба сифати асосҳои назариявӣ дар диссертатсияи мазкур таҳқиқот ва корҳои методологии масъалаҳои номбурда дар пажуҳишҳои забоншиносони барҷаста ба монанди Б. Ниёзмуҳаммадов, Р. Ғаффоров, Ш. Ниёзӣ, Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Б. Сиёев, П. Ҷамшедов, Д. Хоҷаев, М. Норматов, Х. Ҳусейнов, Д. Хоҷаев, С. Атобуллоев, Қ. Қаландаров, Д. Искандарова, З. Мухторов, С. Ҷоматов, Н. Туйғунов, А.Мамадназаров ва аз зумраи забоншиносони хориҷӣ: М.А. Ганшина, H. Sweet, R.L. Allen , Onions S., P. Strawson, A.S. West], О. Есперсен, З.П.Гаркунов, Н.К. Рязанов, М.В. Смолин, К.В. Давидова, К.А. Долинин, С.В. Кузнетсов, Н.М. Василевский, Б.А. Илиш, В.Л. Каушанский, Е.М. Гордон, И.П. Крилов, И.Б. Хлебников, М.В. Янкошвили, З.П. Гаркунов, Л.Л. Немков, В.А. Овсянников, Э.Н. Калинин, И.П. Верховский, Е.А. Зверев, К.В. Сизов, В.Ш. Богоутдинова, Й. Дарканбаева, Г.В. Мирошниченко, И.П. Дятлова, Е.А. Конюс, Е.А. Рейман, А.В. Бондарко истифода шудаанд.

Навигарии асосии диссертатсияи мазкур аз он иборат аст, ки нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асарҳои алоҳидаи бевосита тарҷумашуда бори аввал мавриди таҳқиқоти алоҳидаи лингвистӣ қарор мегирад. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян ва таҳқиқ шуда, зимни таҳлилу баррасии мавзуъ дараҷаи тарҷума ва ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва ё баръакс вобаста аз зарурати таҳлил нишон дода мешавад.

Бо назардошти дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳадафҳои

Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна, ки дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо» - и С. Айнӣ” ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовнаро кори илмии ба анҷомрасидаи мубраму муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳо ҷавобгӯ аст.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шудааст. Дар ҷаласаи кафедра 13 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Суратҷаласаи № 1 аз 27 – уми августи соли 2022.

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавӣ, н.и.ф., дотсент Асламов Ҳикматулло Акбархонович

Котиби ҷаласа Тоҷиева Фурӯғ Рустамбоевна

Имзоҳои Ҳ.А. Асламов ва Ф.Р. Тоҷиеваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Нишонӣ:** 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 372251483
Факс: +992 372325003
Сомона: www.tgpu.tj